## Тақризи

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Қосимов О.Ҳ. ба диссертатсияи Каримов Самариддин Раҳматуллоевич дар мавзуи "Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.**

Рисолаи Каримов Самариддин Раҳматуллоевич аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар муқаддима вазифаҳои таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ муайян ва бо далелҳо асоснок гардидааст. Муҳаққиқ барои равшанӣ андохтан ба мавзуъ дар бахши муқаддима дар бораи лингвокултурология маълумоти муъҷаз дода, вазифа ва фарқи ин бахши забоншиносиро аз дигар бахшҳои забоншиносӣ нишон додааст.

Боби якуми диссертатсия "Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии луғоти ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар забони тоҷикии асрҳои X-XII" ном дорад. Дар зербобҳои якум, дуюм ва сеюми боби мазкур дараҷаи омӯзиши лексикаи соҳавӣ дар заминаи осори адабии асрҳои X-XII баррасӣ гардида, муҳаққиқ пажуҳишгарони осори ин давраро то ҳадди имкон номбар намуда, ҳамзамон, таълифоти онҳоро аз нигоҳи илмӣ баҳо додааст.

Диссертант ҳангоми пажуҳиш бо истифода аз сарчашмаҳои муътабари асрҳои X-XII дар таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноии бархе аз сангҳои қиматбаҳо ба хулосаҳои назарраси илмӣ расидааст. Аз ҷумла, дар тафсири вожаҳои **ақиқ, алмос, булӯр, беҷода, даҳнаҷ, ёқут, зумуррад, лаъл, лоҷвард, марҷон** ва монанди инҳо, мавқеъ ва мақсади истифода, вижагиҳои маъноӣ ва доир ба калимасозӣ, ибораорӣ, таркиббандӣ ва дараҷаи басомади онҳо дар эҷодиёти адибон (с.44-70) фикрҳои ҷолиб баён карда, барои ҳар як вожа байтҳои шоҳид овардааст.

Дар зерфасли “Лексикаи сангҳои қиматбаҳои марбут ба обгоҳҳо дар забони тоҷикии асрҳои X-XII” вожагони **гавҳар, луълу, лаъл, марҷон, дур, ёқут, марворид** ва монанди инҳо тафсир гардидаанд.

Боби II диссертатсия “Баромади вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳои забони тоҷикии асрҳои X-XII” унвон гирифта, ба муайян намудани сарчашма ва сайри таърихии вожагони марбут ба сангҳои қиматбаҳо бахшида шудааст. Ин боби диссертатсия аз зерфаслҳои “Вожаҳои аслии тоҷикӣ”, “Вожаҳои иқтибосӣ”, “Вожаҳои арабӣ”, “Вожаҳои юнонӣ ва аврупоӣ”, “Вожаҳои ҳиндӣ”, “Вожаҳои ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳои асрҳои X-XII-и забони тоҷикӣ дар забонҳои дигар” иборат буда, пажуҳишгар баробари мансубияти вожаҳои **гавҳар, ақиқ, луълуъ, алмос; булӯр, марворид, садаф, ҷазъ, мармар, балолакро** дар асоси сарчашмаҳои муътамаду муътабар ба ин ё он забон муайян кардан, маъноҳои гуногуни онҳоро вобаста ба мақсад ва мавқеи истифодаашон баррасӣ намудааст.

Пажуҳишгар дар боби III диссертатсия, ки “Таҳлили сохтории вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳои забони тоҷикии асрҳои X-XII” ном дорад, мавқеи вандҳоро дар калимасозии ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо нишон додааст.

Инчунин, дар боби мазкур вожаҳои мураккаб ва истилоҳоти бисёрҷузъаи ҷавоҳирот ва сангҳои гаронбаҳо, филизоти гаронарзиш аз ҷиҳати сохт мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои илмии бадастовардаи муҳаққиқ дар 17 банд ҷамъбаст гардидааст. Мавзуи таҳқиқоти мазкур дар забоншиносии тоҷик паҳлӯҳои забонӣ, фарҳангӣ, этникӣ ва таърихӣ дошта, мақсади унвонҷӯ дар муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни номбаршуда дар мисоли лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар осори хаттии забони адабии асрҳои X-XII-и форсии тоҷикӣ амалӣ гардидааст.

Каримов Самариддин Раҳматуллоевич ҳангоми таҳқиқи мавзуи диссертатсионии мазкур ба ҳайси аспиранти шуъбаи забони ИЗА АМИТ худро чун муҳаққиқи лаёқатманд нишон дода, робитаи худро бо шуъба мунтазам ба роҳ монда, дар конференсияҳои илмиву фарҳангӣ пайваста ширкат варзидааст. Дар рафти пажуҳиши мавзуъ ӯ бо адабиёти тавсияшуда муносибати ҷиддӣ намуда, бо назардошти бозёфтҳои забоншиносии муосир ва хулосаҳои илмии пухта кори диссертатсионии худро ба анҷом расонид.

Муносибат ва омодагии ҷиддии унвонҷӯ, кӯшиши мунтазами ӯ барои дарки моҳияти масъала, мазмун ва мундариҷа, нукоти асосии илмии кори таҳқиқотии Каримов Самариддин Раҳматуллоевич ба мо ба ҳайси роҳбари илмӣ изҳор намоем, ки диссертатсияи ӯ дар мавзуи “Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII” кори мукаммали анҷомёфта буда, сазоври тавсия додан барои ҳимоя ба шурои дифоъ барои дарёфти унвони номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илми филология,**
**мудири кафедраи забони тоҷикии**
**ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино** **Қосимов О. Ҳ.**
**18.01.2022с.**

МДТ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО. ГОУ ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ МЕДИЦИНСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ имени АБУАЛИ ИБНИ СИНО
РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись Косимов О.Х.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
« 18 » 01 2022 с/г